**Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 дар
назди Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон, Суроға: 734067,
ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14**

**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Тешаев Мирзошариф Саидҷафарович дар мавзуи “Механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самараноки захираҳои замин дар минтақа (дар мисоли заминҳои обёришавандаи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.03- Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Кори таҳқиқотии диссертант Тешаев Мирзошариф Саидҷафарович дар мавзуи «Механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самараноки захираҳои замин дар минтақа (дар мисоли заминҳои обёришавандаи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03- Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ, ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мутобиқат мекунад: 1.2. Тақсимоти қаламравии захираҳои иқтисодӣ; ҷиҳатҳои назариявӣ, методӣ ва амалии ҷойгиркунии корхонаҳо, фирмаҳои бизнеси хурд ва миёна, кластерҳои иқтисодӣ, корхонаҳои бахши ҷамъиятӣ, хоҷагиҳои хонавода. 1.19. Истифодаи самараноки омилҳои истеҳсолот дар тараққиёти иқтисодиёти минтақаҳо. Қонуниятҳо ва хусусиятҳои ташкил ва идоракунии сохторҳои иқтисодӣ дар минтақаҳо. Афзалиятҳои мутлақ ва нисбии кластерҳои иқтисодии минтақавӣ. 1.24. Тараққиёти комплекси агросаноатӣ дар минтақаҳо, хусусиятҳои минтақавӣ ва маконии инкишофи хаҷагии қишлоқ. Танзими инвеститсияҳо дар минтақаҳо. Лоиҳаҳои инвеститсионии қаламравӣ. Муҳити инвеститсионӣ бо дарназардошти воҳидҳои минтақавӣ-маконӣ.

Баланд намудани диққатҷалбкунии инвеститсионӣ ва истифодаи самараноки лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар минтақаҳо.

**Мубрам будани мавзуи таҳқиқоти пешниҳодшуда.**

Дар миқёси 93% - и кӯҳсоронро ташкил намудани ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон водор месозад, ки ба таҳлилу омӯзиш фаро гирифтани масъалаҳои вобаста ба идоракунӣ ва истифодабарии замин аҳамияти махсус дода шавад. Ба замми ин равандҳои фарогири механизмҳои иқтисоди бозорӣ ва рушди устувори соҳаи кишоварзӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурияти самаранок истифодабарии захираҳои табиӣ, хусусан, захираҳои замин ва беҳдошти муҳити зистро талаб менамоянд. Аз ҷумла таҳлил ва баррасии масъалаҳои идоракунии захираҳои замин, баҳои иқтисодии замин, аз нуқтаи назари методӣ дуруст муайян намудани арзиши онҳо дар шароити муосири ҷумҳурӣ мубрам ва саривақтӣ арзёбӣ мешавад. Масъалаҳои мазкур дар минтақаҳои камзамини обёришавандаи кишоварзӣ, мубрамияти хоса пайдо намуда, яке аз масоили замонавии аҳамияти амалидошта арзёбӣ гардида, аз механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда, чораҳои экологӣ-мелиоративӣ ва усулҳои пешқадами обёрикунӣ, низоми илмии киштгардон ва ҳифзи биологии зироатҳои кишоварзӣ вобастагии калон дорад. Дар робита ба ҳал гардидани ин масоил дастгирии давлатии рушди соҳаи кишоварзӣ, ҷалби бештари сармоягузориҳо ба минтақаҳои кишвар, идоракунии самараноки заминҳои обёришаванда ва чораҳои ҳифзи экосистемаи минтақавӣ, ки ҳамоҳангсозии манфиатҳои заминистифодабарандагон ва истеъмолкунадагони маҳсулоти озуқавориро фарогир мебошад, сарчашма мегирад. Масъалаҳои вобаста ба вазъи захираҳои заминҳои кишоварзӣ, истифодаи самараноки онҳо дар замони муосир печ дар печ шуда истодаанд. Аз як тараф таъсири тағйиротҳои манфӣ аз тарафи дигар норасогиҳои сарчашмаҳои маблағгузорӣ ва аз ҷониби дигар таъсироти табиӣ ба маҳсулнокии замин ва самаранокии фаъолияти кишоварзӣ таъсири бевосита расонида истодаанд. Ин масъалаҳо ба

самаранокии иқтисодии истеҳсолоти кишоварзӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои замин, хусусан, заминҳои обёришаванда, риояи чорабиниҳои экологӣ-мелиоративӣ, низоми пешқадами обёрикунӣ ва фаъолияти дурусти хоҷагии об вобастагӣ дошта, ҳамзамон, таҳия ва таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ-амалӣ ва пешниҳоду хулосаҳои мушаххасро оид ба ташаккули механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда тақозо менамояд, ки он барои рушди устувори иқтисодиёти кишоварзӣ барои муддати тӯлонӣ хизмат хоҳад намуд. Аз ин лиҳоз, мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додани масоили дар боло зикргардида мубрамият ва аҳамиятнокии мавзуи таҳқиқоти илмии Тешаев Мирзошариф Саидҷафаровичро муайян намудаст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

**1.** Дараҷаи навгонии таҳқиқоти баррасишаванда бо он таъйид мегардад, ки асоснок намудани ҷанбаҳои назариявӣ-методологии ташаккули механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда ва пешниҳоди амалӣ оид ба истеҳсоли ҳар чӣ зиёди маҳсулотҳои кишоварзӣ дар шароити минтақа илман асоснок карда шудааст. Ба муаллиф муяссар шудааст, ки унсурҳои зерини навгонии таҳқиқотро исбот намояд:

1. Дар асосӣ ақидаҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ таърифи муаллифонаи диссертант оид ба мафҳуми «механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда» муайян гардидааст.

2. Ба муаллиф муяссар шудааст, ки дар рафти таҳқиқот принсипҳо ва вазифаҳои асосии ташаккули механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда дар минтақаҳои кишоварзиро таҳқиқ карда, ки пешниҳод кардааст, ки ин принсипҳо ва вазифаҳо барои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ ва рушди устувори минтақа нақши калидӣ дорад;

3.Дар натиҷаи таҳлилҳои воқеъбинонаи ҳолати кунунии истифодаи заминҳои обёришавандаи минтақа, баҳои самаранокии экологӣ-иқтисодии истифодаи заминҳои обёришавандаи минтақа мавриди таҳқиқ қарордошта арзёбӣ шуда, меъёрҳо, маҳакҳо ва нишондиҳандаҳои асосии самаранокии экологӣ-иқтисодии истифодаи заминҳои обёришаванда ва истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ дар минтақа муайян, қиёс ва баҳодиҳию натиҷагирӣ шуданд;

4.Дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ самтҳои асосии ташаккули механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда дар минтақа муайян карда шудааст;

5.Таҳқиқоти диссертатсионии ба муаллиф имкон додааст, ки чораҳои танзими давлатии ташаккули механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда дар минтақа муайян ва мушаххас кунад;

6.Дар кори таҳқиқотӣ модели баҳои самаранокии истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон коркард ва арзёбӣ гардидааст, ки ба баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ва афзоиши ҳаҷми маҳсулоти озуқаворӣ дар минтақаҳои агросаноатии ҷумҳурӣ мусодат менамоянд.

Нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия:

1. Таърифи ҷадиди мафҳуми механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда нуқтаи назари муаллиф муайян карда шудааст, ки ҳамчун механизми махсус барои истеҳсоли ҳаҷми зиёди маҳсулотҳои озуқаворӣ, рушди муносибатҳои нави заминдорӣ ва беҳдошти вазъи экологии минтақа нигаронида шудааст;

2. Муаллиф дар асоси омӯзиши адабиётҳои хориҷӣ ва ватанӣ ва таҷриба кишварҳои рушдёфта пинсипҳо ва вазифаҳои асосии механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда дар минтақа пешниҳод кардааст;

3. Унвонҷӯ нишондиҳандаҳои асосии ҳолати кунунии сохторҳои заминҳои обёришавандаи кишоварзии минтақа, сабабҳои асосии паст

гардидани ҳосилнокии заминҳои обёришаванда ва вазъи экологии минтақа, роҳҳо ва самтҳои асосии баланд бардоштани истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда ва истеҳсоли ҳарчӣ зиёди маҳсулотҳои кишоварзӣ дар минтақаи таҳлил карда, муайян ва баҳогузорӣ карда шудааст;

4. Диссертант муайян кардааст, ки барои таъмини ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани вазъи зиндагии аҳолӣ ва самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ баҳодиҳии механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самаранокии заминҳои обёришаванда зарур аст;

5. Чораҳои пешниҳоднамудаи муаллиф дар самти танзими давлатии ташаккули механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самаранокии заминҳои обёришаванда ва такмили низоми маъмурикунонии андоз, ки «бо назардошти технологияи инноватсионии парвариши зироатҳои кишоварзӣ, истифодаи шаклҳои пулакии истифодаи заминҳои обёришаванда, беҳшавии вазъи муҳити зист, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ва афзоиши ҳаҷми маҳсулоти озуқаворӣ дар минтақа, аз нигоҳи илмӣ асоснок мебошанд;

6. Муаллиф модели илман асоснокшудаеро оид ба самаранокии истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, ки ҳадафи ниҳоии заминаи ташаккули механизми ташкилӣ-иқтисодӣ, азхуднамоии заминҳои нави обёришавандаи минтақа, ҳифз ва нигоҳдории экосистемаҳои минтақавӣ ва ҷалби бештари сармояҳо ба рушди минтақаҳои кишоварзӣ меҳисобад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:** Таҳқиқоти тақризшаванда аз дараҷаи баланди эътимоднокӣ бархурдор аст, чунки дар он масъалаҳои мубрами механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда таҳлил гардида, тавассути маълумотҳои дақиқи соҳавӣ асоснок карда шуда, пайдарпайии таҳқиқи назария, методология ва амалия дар сатҳи зарурӣ таъмин карда шудааст. Натиҷаҳои илмии диссертатсия аз он ҷиҳат судманд мебошанд, ки муаллиф таҷрибаи калони амалӣ дар самти

механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда дошта, дар раванди таҳқиқ аз усулҳои: монографӣ, таҳлили оморӣ, математикӣ -иқтисодӣ, демографию қиёсӣ ва таҷрибавию озмоишӣ истифода бурдааст, ки дар ниҳояти кор, истифодаи усулҳои мазкур натиҷабахшии микдори заминҳои обёришавандаи зироатҳои кишоварзӣ, ҳосилнокии зироатҳои асосии кишоварзӣ дар заминҳои обёришаванда, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ дар заминҳои обёришавандаи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, асоснок намудани натиҷаҳои назариявӣ - амалӣ, хулосаю пешниҳодҳоро таъмин намудааст.

Ҳамин нуктаро бояд ёдовар шуд, ки пешниҳоди алоҳидаи муаллиф аз ҷониби Раёсати кишоварзии минтақаи Кӯлоб ва Кумитаи идораи замини минтақаи Кӯлоб ба инобат гирифта шудааст.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:**

Чуноне аз баррасии мазмуну мундариҷаи диссертатсия бармеояд, натиҷаҳои илмии диссертатсия ба ҷанбаҳои назариявӣ-методологии ташаккули механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самараноки заминҳои обёришавандар дар минтақа мусоидат намуданашон мумкин аст. Аҳамияти амалии натиҷаҳои диссертатсия бо он асоснок мегардад, ки аллакай як қисми тавсияҳои илмӣ - амалии кори диссертатсионӣ, дар субъектҳои хоҷагидори минтақаи Кӯлоб, ки барои обёрикунони заминҳои кишоварзӣ, мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Аҳамияти иқтисодию иҷтимоии натиҷаҳои ноилгардидаи муҳаққиқ дар он зоҳир меёбад, ки дастовардҳои назарраси таҳқиқотро ҳангоми такмили танзими иқтисодии захираҳои замин, ҷалби сармояҳо - ҳамчун самти муҳими истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда, истифодаи пулакии заминҳои обёришаванда истифода бурдан имконпазир аст.

Ҳамзамон, тавсияҳои илмӣ-амалии кори диссертатсионӣ мумкин аст, ки дар сохторҳои дахлдори давлатӣ ва маҳаллӣ, ки ба идоракунии

самараноки заминҳои обёришаванда машғул мебошанд, истифода карда шаванд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:**

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 13 кори илмӣ таҳия ва нашр намудааст, ки аз он аз ҷумла 6-тои он дар маҷаллаҳои шомили феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд. Натиҷаҳои асосии тахқиқ дар мақолаҳои илмии муаллиф дарҷ гардидаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия:**

Дар маҷмуъ, барасмиятдарории диссертатсия ба талаботхое, ки дар “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021, №267 тасдиқ карда шудааст, мутобиқат мекунад.

**Мундариҷаи кор. Ҷанбаҳои мусбӣ ва норасоиҳо.**

Таҳқиқоти диссертатсионии тақризшаванда аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодхо, рӯйхати адабиётҳои истифодашуда иборат буда, муҳтавои кор дар 179 саҳифаи матни компютерӣ баён гардидааст, ки шомили 20 ҷадвал, 7 диаграмма, 3 расм ва 6 замима мебошад. Феҳристи адабиёти истифодашуда 175 номгӯй сарчашмаҳои мавриди истифода қароргирифта, аз ҷумла муаллифони ватанӣ ва хориҷиро дар бар мегирад.

Дар муқаддима, мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи он арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии он муайян карда шудаанд. (саҳ. 4-15).

Муқаддима мувофиқи талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо» ба расмият дароварда шуда, тартиби ҷобаҷогузории бандҳо риоя гардидааст. Мақсадгузорӣ, масъалагузорӣ, унсурҳо ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба таври мантиқӣ бандубаст гардидааст.

Дар боби аввал - **«Асосҳои назариявии ташаккули механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи захираҳои заминсамараноки заминҳои**

**обёришаванда дар минтақа»** аз ҷониби муаллиф таҳқиқи назарияҳо ва хусусиятҳои хоси минтақавии механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда, принсипҳо ва вазифаҳои аососии механизми ташкили иқтисодии истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда дар минтақа, таҷрибаи хориҷӣ оид ба механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи заминҳои обёришаванда дар кишоварзӣ мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифтаанд (саҳ.16-65).

Дар диссертатсия муаллиф ҷанбаҳои назариявии истифодаи заминҳои обёришавандаро мавриди омӯзиш қарор дода қайд мекунад, ки алоқамандии одамон бо муҳити зист, новобаста аз рушди муносибатҳои истеҳсолӣ тайи даҳсолаҳои охир характери ғайринтенсивӣ дошта, он барои қонеъгардонии ниёзҳои аҳолӣ бо маводҳои озуқаворӣ, ҳар чӣ бештар истифодабарии заминҳои обёришванда роҳандозӣ гардида, таъсири манфии онро ба экосистемаи минтақавӣ аллакай мо дида истодаем. Сабаби асосии ин равандро бо тезутундшавии масъалаҳои ташкилӣ-иқтисодӣ, технологӣ-хоҷагидорӣ ва иҷтимоӣ-экологӣ, рушди илмӣ-техникӣ ва зиёд шудани аҳолӣ дар минтақаҳои кишвар мебинем (саҳ.19). Аз ҷониби муаллиф доир ба таҳлили ҷанбаҳои назариявии истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда дар минтақаҳо, дар заминаи ташаккули механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии заминҳои мазкури кишоварзӣ, рушди шаклҳои нави хоҷагидорӣ ва беҳдошти муҳити зист механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самараноки заминҳои обёришавандаро дар минтақа пешниҳод гардида аст (расми 1.1.1, саҳ. 28)

Дар боби дуюм- **«Таҳлили ҳолат ва баҳои самаранокии истифодаи заминҳои обёришаванда дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон»** аз ҷониби муаллифи диссертатсия ҳолати кунунӣ ва истифодаи заминҳои обёришаванда дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ва баҳои самаранокии экологӣ-иқтисодии истифодаи заминҳои обёришаванда дар самти кишоварзии минтақаи мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор дода шудааст (сах 66-114).

Дар мавриди самарнокона баҳодиҳӣ намудан муаллиф зикр мекунад, ки интихоби дурусти мавқеи ҷойгиршавии майдони кишти заминҳои обёришаванда ва баҳои вазъи мелиоративӣ-ирригатсионии захираҳои обӣ барои қонеъ гардонидани ҳаргуна эҳтиёҷоти аҳолӣ ва истеҳсолоти кишоварзӣ, истифодаи заминҳои обёришаванда бо мақсадҳои хоҷагидорӣ, ҳангоми обёрикунии заминҳои кишоварзӣ, истифодаи обҳо барои обтаъминкунӣ (масалан, иншоотҳои обтаъминкунӣ ва ирригатсионӣ, стансияҳои электрикии обӣ ва ғайра), ҷорӣ намудани ҳамаи шаклҳо ва усулҳои заминдорӣ ва заминистифодабарӣ дар минтақаҳои кишвар. Истифодабарии захираҳои обӣ ҳангоми ин ҳолатҳо метавонад боиси тағйирёбии миқдор ва сифати заминҳои обёришаванда гардад, бояд ба назар гирифта шаванд. Ақидаи муаллиф дар ин бора, ки яке аз сабабҳои асосии ғайрисамаранок истифодабарӣ ва таъмини сари вақтии захираҳои обӣ - ин баҳисобгирӣ ва баҳои нодурусти экологӣ-иқтисодии заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ дар минтақа мебошад, боиси дастгирӣ мебошад (саҳ.85-89).

Дар боби сеюм -**«Самтҳои асосии такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда дар минтақа»**, аз ҷониби муаллифи диссертатсия дастгирии давлатии механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи заминҳои обёришаванда дар минтақа, ҷалби сармояҳо - ҳамчун самти муҳими истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда дар минтақа ва таҳрезӣ ва дурнамои ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ дар заминҳои обёришавандаи минтақаи Кӯлоб муайян ва мушаххас гардидаанд(саҳ. 115-167).

Муаллиф баландбардории самаранокии экологӣ-иқтисодии истифодаи заминҳои обёришавандаро шарти муҳими рушди устувори соҳаи кишоварзӣ ҳисобида, такмили механизми давлатии истифодаи самараноки заминҳои обёришавандаро ҳамчун роҳи асосии таъмини рушди устувори комплекси агросаноатӣ аз қабили механизми махсусе бо таркиби усулҳо ва фишангҳои меъёриву ҳуқуқӣ, технологву хоҷагидорӣ ваэкологву иҷтимоӣ ешниҳод намуда аст (расми 3.1.1. саҳ.109).

Аз ҷониби муаллиф таҳияи модели коррелятсионӣ-регрессионӣ гузаронида шуда, тибқи моделсозии риёзӣ муодилаи регрессия муайян карда шуда, аз рӯи он дурнамои (пешгӯӣ) ояндаи нишондиҳандаҳо бароварда шуда аст, ки ба назар хело муассир мерасад ва ба ҳусни кори таҳқиқотӣ равшанӣ меандозад.

**Дар хулоса ва пешниҳодҳо** натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашудаи муаллиф дарҷ карда шудааст (саҳ.168-173).

Умуман метавон хулоса намуд, ки муаллиф аз лиҳози механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самараноки захираҳои замин дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кори диссертатсионӣ ба мақсади гузоштташуда ноил гашта аст.

**Новобаста аз дастовардҳои болозикр, диссертатсияи Тешаев Мирзошариф Саидҷаҳфарович аз баъзе камбудию нуқсон холӣ нест ба монандӣ:**

1. Дар номи кор, номи бобҳо ва зербобҳо номукаммалӣ ба назар мерасанд, ки ба фикри мо аз тарҷумаи носаҳеҳи баъзе истилоҳҳо ба вуҷуд омадаанд.
2. Боби якуми рисола аз лиҳози аппарати илмӣ-назариявӣ тавассути асосноккунии “муаллифона” норасоғӣ дорад. Ҳарчанд дар зербобҳо аз ҷониби муаллиф хулосаҳо пешниҳод гардида бошанд ҳам, аммо дар баъзеи онҳо мушаххасоти муаллифӣ кам ба назар мерасанд.
3. Дар қисмати назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар баъзе ҳолатҳо маълумотҳои таҳлилӣ оварда шудаанд, ки аз лиҳози дасгоҳи илмӣ номувофиқ мебошад. Зеро боби аввал пурра бояд назария бошад. Овардани маълумотҳои оморӣ зарурат надоранд
4. Вобаста ба принсипҳои пешниҳодшуда аз ҷониби муаллиф татбиқи кадом принсипҳо дар таҷрибаи кишвар ироа нашуда, дар қисмати пешниҳодоти кори таҳқиқотӣ вобаста ба татбиқи онҳо пешниҳод оварда нашуда аст, ки аз нигоҳи мо дараҷаи пайвастшавии мантиқии сохтори корро ба маротиб афзоиш медод.

5. Дар кори диссертатсионӣ як қатор хатогиҳои услубӣ ва техникӣ вомехуранд.

6. Дар маҷмуъ, норасоиҳое, ки дар боло қайд карда шудаанд, моҳияти назариявӣ ва амалии рисолаи мазкурро кам намекунад.

Автореферат ва мақолаҳои нашршудаи муаллиф таркиби асосии рисолаи илмиро фаро мегиранд ва дар асл натиҷаи таҳқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст. Маводҳои асосии рисолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмӣ ва илмӣ-истеҳсолии ватанӣ, инчунин, дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расонида шудаанд.

**Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба диссертатсия:**

Диссертатсияи илмии дар мавзуи « Механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самараноки захираҳои замин дар минтақа (дар мисоли заминҳои обёришавандаи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон) », барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03–Иқтисодиёти минтақавӣ ва худудӣ таҳқиқоти ҳамаҷониба мустақилона анҷомёфта ва баитмомрасида маҳсуб ёфта, дорои навгонӣ, арзиши баланди илмӣ буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Тешаев Мирзошарифи Саидҷаҳфарович сазовори додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**декани факултети Иқтисодиёт ва идоракунии**
**маорифи Донишгоҳи давлатии омӯзгории**
**Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ:** **Зиёзода Б.С.**

**Имзои муқаррризи расмӣ номзади илмҳои**
**иқтисодӣ, Зиёзода Б.С.-ро тасдиқ мекунам,**
**сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**ДДОТ ба номи С. Айнӣ** **Мустафозода А.**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

ДДОТ ба номи С. Айнӣ, Суроға:, 734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.Телефон:+992(37) 224-13-83, www: tgpu.tj, E-mail:info@tgpu.tj